TAJSTAT

ЛОИҲАИ «ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ОМОР»
ECASTAT № TF017852

АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҲИСОБОТ
## ОИДИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ЯКВАҚТАИНА ИНТИХОБИИ КОРХОНАҲОИ ХУРД

- 2018 -

***Ҳайати таҳририя:***
*Ҳасанзода Г.К.. – Раиси ҳайати таҳририя,*
*Шокирзода Ш.Ш.- Муовини Раиси ҳайати таҳририя*
*Аъзоёни ҳайати таҳририя:*
*Холиқзода М., Давлатзода Қ., Асоев Н., Қосимов Х.М., Қаюмов А., Хоҷаев З.А., Қулов А.Н., Асматбеков Ф.Я., Наҷибуллоев А.К, Раҷабова Н.*

Таҳлили мазкур зери роҳбарии Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К. анҷом дода шудааст.

*@Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018*
*@Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2018*
*@ Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2018*

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории бепоёни худро ба Лоиҳаи ЕКАСТАТ «Стратегияи миллии рушди омор» ва Бонки умумиҷаҳонӣ барои дастгирии модиявӣ ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти мазкур, ҳамчунин ба коршиноси байналмилалӣ Игор Чернышев оид ба таҳқиқоти корхонаҳои хурд аз ширкати ДевСтат барои расонидани хизмати методологӣ ва тавсияҳо барои гузаронидани таҳқиқоти мазкур баён менамояд.

Гуруҳи татбиқи таҳқиқоти мазкур миннатдории самимонаро ба Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии доимӣ дар ҷодаи фаъолияти навоварӣ барои методологияи омори сохтмон изҳор менамояд.

Ҳамчунин миннатдорӣ барои иштирокчиёни таҳқиқот

Менеҷер – Ғафуров Ш.

Мушовирони маҳаллӣ – таҳлилгарон Шукуров Ш., Султонов С.
Барномасозҳор – Маҷидов Ҳ. ва Зокиров А.

Роҳбарони гурӯҳҳо:

Раҷаббеков Р., Асоев Н., Бобомаликова Ҷ., Алимзода С., Акбарҷони Т., Юсупова З., Юлдошев И. ва Бобобекова Р.

**Тел :** (+992372) 227-65-12
**Факс :** (+374 10) 221-43-75
**E-mail:** stat@tojikiston.com
**Web site:** http://www.stat.tj

# МУНДАРИҶА

| | |
|---|---|
| | саҳ |
| **Муқаддима.......................................................................** | 5 |
| **I. Методологияи таҳқиқот..................................................** | 7 |
| 1.1 Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот............................................... | 7 |
| 1.2 Сохтор ва марҳилаҳои таҳқиқот........................................... | 10 |
| **II. Мундариҷаи саволҳои саволнома.......................................** | 21 |
| 2.1 Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот......................................... | 28 |
| **III. Фасли таҳлилӣ........................................................** | 31 |
| 3.1 Натиҷаҳои таҳқиқот........................................................ | 31 |
| **IV . Хулоса.........................................................................** | 35 |
| **V. Замима......................................................................** | 37 |
| ЗАМИМАИ 1 Нақшаи кории таҳқиқоти корхонаҳои хурд ... | 38 |
| ЗАМИМАИ 2. Саволномаи таҳқиқот..................................... | 42 |
| ЗАМИМАИ 3. Дастурамали пуркунии таҳқиқоти яквақтаинаи интихобии омории корхонаҳои хурд | 48 |
| ЗАМИМАИ 4. Воҳидҳои омории ба таҳқиқот фаро гирифта нашуда... | 52 |
| ЗАМИМАИ 5. Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ....................... | 55 |
| ЗАМИМАИ 6. Корҳои сохтмонӣ-васлгарӣ........................ | 58 |
| ЗАМИМАИ 7. Таҷҳизот.............................................. | 61 |
| ЗАМИМАИ 8. Фондҳои асосӣ......................................... | 63 |
| ЗАМИМАИ 9. Ба истифода додани боғу токзори нав.... | 65 |
| ЗАМИМАИ 10.Иҷрои корҳои пудратӣ........................ | 67 |

# Муқаддима

Дар давраи сипаришуда ислоҳоти иқтисодии назарраси дар ҳамаи сохаҳои иқтисодиёт мушоҳида гардид, ки мувофиқшавии иқтисоди мамлакатро барои низоми иқтисодии ҷаҳонӣ тақозо менамояд.

Дар замони глобализатсия ва рушди бомаром ва равнақ ёфтани муносибатҳои бозорӣ, нақши тиҷорати хурду миёна дар иқтисодиёти мамалакат мавқеи муҳимро касб менамояд. Вазни хоси бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ зиёда аз 60 фоизро ташкил медиҳад. Ин хам дар ҳолест, ки корхонаҳои хурд дорои фазои нисбатан устувор мебошанд, ки ғанигардонандаи буҷети давлатӣ бо воситаҳои пулӣ ба ҳисоб меравaнд. Ғайр аз ин, бахши мазкур иқтисодиёт имконият фароҳам меорад, ки ҷойҳои кории иловагӣ таъсис ва шуғли аҳолӣ рушд ёбад.

Корхонаҳои хурд ба устувории давлат ҳиссагузор буда, саҳми босазои худро ҳамчун таъсисдиҳандаи буҷети давлатӣ, ки дар минтақаҳо алоҳидаи мамлакат баҳри рушд мегузоранд. Рушди тиҷорати хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди фаъолияти соҳибкории аҳолӣ, натиҷабордории барномаҳо барои мониторинги соҳибкории хурд имконият фароҳам меорад.

Имруз 10-11 фоизи Маҷмуи Маҳсулоти Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳаи сохтмон ташкил медиҳад. Ин ҳам дар ҳолест, ки фарогирии бахши хусусӣ оид ба азхудкунии сармоя ба сармяои асосӣ ва иҷрои корҳои пудратӣ тақвиятро тақозо менамояд.

Барои мушоҳида ва нигориши ин равандаҳо аз соли 1995 инҷониб дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонҳисоби нишондиҳандаҳои асосии СҲМ, ки ба «СҲМ – 1993» асос ёфтаанд, ҷорӣ карда шуд. Барои таъмини иттилоотии омории муътамад, зарур аст, ки сифати маълумоти СҲМ дар маҷмуъ дар сатҳи иқтисодиёт ва соҳаҳои алоҳидаи он, бо роҳи бозбинии усулҳои ҷамъоварии аввалияи иттилоот, ҷорӣ намудани стандарту таснифотҳои нав такмил дода шавад.

Муқоисаи маълумоти ҷузъӣ дар СҲМ  аз ҳисоби ҷорӣ намудани ҳисоби маҷмуи истеҳсол, хароҷоти мобайнӣ ва арзиши изофа аз руи намуди фаъолияти иқтисодӣ ба даст оварда мешавад. Ин ҷадвалҳо имконият медиҳанд, ки алоқаи байни якчанд бахшҳои иқтисодиёт амалӣ карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки ба ҳолати 1 апрели соли 2018 миқдори субъектҳои бақайдгирифташуда дар ҷумҳурӣ 543,2 ҳазор ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар низоми «Равзанаи ягона» 536,8 ҳазор адад, аз онҳо 496,3 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошад.

Дар ин давра (аз 1 июли соли 2009 инҷониб) 231,1 ҳазор адад субъекти хоҷагидор барҳам дода шудааст, аз он дар низоми "Равзанаи ягона" – 221,8 ҳазор адад.

Дар айни замон 312,1 ҳазор адад субъекти хоҷагидор амалкунанда мебошанд, ки аз онҳо 305,7 ҳазор ададашон дар низоми "Равзанаи ягона" ба қайд гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии субъектҳои фаъол 30,8 ҳазор адад шахсони ҳуқуқӣ, 362 адад –филиал намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 274,5 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

# I. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ

## 1. 1. Мақсад ва вазифаҳои тақиқот

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахустин таҳқиқоти яквақтаинаи интихобии омории корхонаҳои хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ ва иҷрои корҳои пудратиро барои соли 2017 гузаронид. Таҳқиқот аз 8 то 31 майи соли 2018 бо дастгирии лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор» ва Бонки умумиҷаонӣ гузаронида шуд.

Дар доираи Лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор ECASTAT №TF017852», аз руи компоненти «Омори сохтмони асосӣ» бо мақсади беҳтар намудани ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, гузаронидани таҳқиқоти интихобии корхонаҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буд.

Мақсади таҳиқоти мазкур ба даст овардани иттилооти муҳим дар бораи азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ ва иҷрои корҳои пудратӣ аз руи намуди фаъолияти асосӣ тибқи ТУНФИ (NACE Rev.2) тафсири 2 ва сарчашмаи маблағгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Дар давраи ташрифи мушовири байналмилалӣ ҷаноби Игор Чернышев ба ТоҷСтат мантиқи гузаронидани таҳқиқоти яквақтаина матраҳ гардид.

Мавриди зикр аст, ки якҷоя бо мушовири байналмилалӣ саволнолмаҳо, ва дигар маводҳои зарурӣ барои гузаронидани таҳқиқот омода карда шуданд. Ҳамчунин аз ҷониби ӯ кумаки методологӣ барои интихоби субъектҳо ва таҳияи ҷавдалҳои барориш ва таҳлилӣ аз руи натиҷаҳои таҳқиқот расонида шуд.

Дар фосилаи кутоҳи ташрифи худ, коршинос барои таҳияи маълумоти омории муътамад сариваќти мутобиқ дар асоси методи самараноки иқтисодӣ раҳнамоӣ кард, ки ҳамин тавр ин иттилоот ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад ва талаботи истифодабарандагонро қаноатманд гардонад.

Ба таҳқиқоти бояд ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) соли 2017 ба азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ машғуланду ба интихоби дар заминаи регистр

гирифташуда дохил шудаанд ва бо ин мақсад иҷозатнома гирифтаанд, фаро гирифта мешаванд. Ҳамин тавр сухан дар бораи фармоишгарон ва пудратчиён меравад. Зимнан, дар соҳаи кишоварзӣ корҳои пудратӣ барои бунёди боғу токзорҳо фаро гирифта мешаванд.

Ба таҳқиқот корхонаю ташкилотҳои навтаъсис дар солҳои 2016-2017 (яъне ду соли охир), ҳамчунин ҳамаи корхонаҳое, ки аз руи шаклҳои ҳисоботи омории 1-СА ва 2 СА барои соли 2017, новобаста аз соли таъсисашон бо сабабҳои гуногун насупоридаанд, дохил карда мешаванд.

Давраи ҳисобот соли 2017 мебошад.

**Усули ҷамъоварии маълумот**

Бо дарназардошти имкониятҳои техникӣ ҷамъоварии маълумотҳо бо ёрии яке аз ин усулҳо ба анҷом расонида хоҳад шуд: (а) дар тафсири электронӣ ба воситаи сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj); (б) дар асоси ҷавобҳои шахси ваколадорнамудаи корхона (саволномаро шахси ваколадорнамудаи корхона бевосита худаш пурнамуда тавассути почта ба Агентии омор ирсол менамояд); (в) дар асоси пурсиши мусоҳибагирандаҳо, ки аз тарафи Агентии омор ҷалб гардидаанд амалӣ мегардад. Дар ҳолати (в) пурсишнома бо планшет гузаронида мешавад.

Пурсишро ҳашт гурӯҳ бо се нафарӣ дар ҳар як гурӯҳ гузарониданд. Мусоиҳибагирандаҳо дар бораи иҷрои корҳо ба оператор/маъмур ҳисобот доданд.

**Мавзӯъҳое, ки аз руи онҳо иттилоот ҷамъоварӣ карда шуд**

Бо ёрии таҳқиқот маълумотҳои зерин ҷамъоварӣ хоҳад шуд:
Хусусиятҳои иншоотҳои сохтмонӣ:

Сохтмони нав
Васеъсозӣ (бинои иловагӣ, аз нав таҷҳизонидан)
Таҷдид/Азнавсозӣ
Корҳои соҳил мустаҳкамкунӣ
Корҳои лоиҳакашию - кашоффӣ
Корҳои иктишофи геологӣ
Таъиноти сохтмон:
Таъиноти истеҳсолӣ
Таъиноти ғайриистеҳсолӣ

Ба истифода дода шуд:
Иқтидор
Фондҳои асосӣ

Сарчашмаҳои сармоягузории иншоотҳои сохтмонӣ:
Ҳамагӣ: Азхудкунии маблағҳо
Маблағҳои мутамаркази буҷети давлатӣ

Маблағҳои худӣ
Саҳмгузориҳои соҳибкорони инфиродӣ ё аҳолӣ
Маблағгузориҳои хориҷӣ
Пудратчиҳо

Хусусияти корҳои пудратӣ:
Шартнома
Иҷроиши воқеӣ
Таъмири куллӣ
Фармоишгарҳо

## Интихоб дар таҳқиқот

Дар вақти гузаронидани таҳқиқот интихоби систематикӣ истифода бурда мешавад (systematic sampling). Ин маънои онро дорад, ки сараввал нуқтаи озод равона гардида, баъдан аз интихоби асосии мушоҳидашаванда i-элемент гирифта мешавад. Фосилаи интихобот i муайнкунанда нисбат ба ҳаҷмӣ чаъмул чаъми интихоб N ба чаъми интихобот n, бо натиҷаҳои яклухт то рақами бутун. Масалан, дар ин ҳолат, яъне чаъми таҳқиқот аз 5500 элемент иборат бошад, аммо ҳаҷмӣ интихобот ба 500 мусоҳиб баробар ҳаст. Пайгирона ба ин фосилаи интихобот баробар ба 10 мебошад. Интихоби тасодуфӣ дар байни рақамҳои 1 ва 10. Агар, масалан, ҳамин рақам баробари 5 бошад, дар ҳамин вақт тартиботи интихобот аз чунин элементҳо таркиб ёфтааст 5, 15, 25, 35, 45, 55, ва ғ.ҳ.

Ҳамин тариқ, ҷавобгӯ бо усулҳои эҳтимолии интихобот нуқтаи озод равона гардида, баъдан аз асосӣ интихоботи мушоҳидашаванда пайгирона ҳар як *i*-элементҳо гирифта мешавад.

Ҳадди умумии интихоби систематикӣ ва тасодуфӣ шаҳодати он аст, ки ҳар як элементи ҷамъул ҷаъмӣ дорои мавқеи муайян ва баробарии эҳтимолияти интихоботро дарбар мегирад.

1.2 Сохтор ва марҳилаҳои таҳқиқот

Дар рафти корҳои тайёрӣ барои гузаронидани тахқиқот гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони таъсис дода шуда, ки сарборӣ ба ҳар яки онҳо дода шуда буд. Гурӯҳ аз мутахассисони раёсати омори саноат ва инвеститсияҳо дар сохтомни Агентии омор ва раёсати пешбурли регистрҳо ва таснифотои МД «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» ташкил ёфта буд.

Накшаи пайдарҳами корҳои тайёрӣ, гузаронидани таҳқиқот, таҳлили маълумоти ба даст овардашаванда ва нашри натиҷаҳои таҳқиқоти омода карда шуд. Дар заминаи Регистри оморӣ руйхати корхонаҳои хурди таъсисдодашуда дар солҳои 2016-2017 аз руи намуди фаъолияти иктисодӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) бо суроғаҳои аниқкардашуда, руйхати корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ), ки дар соли 2017 боғу токзорҳои навро мавриди истифода қарор додаанд, инчунин дар асоси иттилооти фаромишгарон ва пудратчиёне, ки ба мақомоти омори давлатӣ мутобиқи шаклҳои муқаррагардида ҳисобот надодаанд, тартиб дода шуд.

*Ҳангоми гузаронидани корҳои тайёрӣ барои таҳқиқоти интихобии корхонаҳои хурд корҳои зерин амалӣ гардиданд::*

- таҳия, тарҷума ва тасдиқ саволнома ва дигар маводҳои зарурии таҳқиқот (дастурамал/раҳнамо барои роҳбарони гурӯҳҳо ва мусоҳибагирандаҳо) (март-апрели соли 2018);
- санҷидани саволномаҳо (апрели соли 2018);
- тайёр намудани субъектҳо барои гузаронидани таҳқиқоти итихобии корхонаҳои хурд (март-апрели соли 2018) ;
- таҳияи интихоби воҳидҳои оморӣи таҳқиқшаванда мутобиқи тавсияҳои мушовир ва шарти масъалаҳои таҳқиқот;
- таҳияи барномаи таъминотӣ барои дохилкунии маълумотҳои аввалия (майи 2018);
- гузаронидани семинари омузишӣ барои роҳбарони гурӯҳҳо ва мусоҳибагирандаҳо (майи соли 2018);
- паҳна намудани саволнома ва дастурамалҳо;
- гузаронидани корҳои саҳроӣ (майи соли 2018);
-таҳрир, рамзгузорӣ ва дохилкунии маълумотҳо ба барномаи таъминотӣ (июни соли 2018);
-таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри натиҷаҳо (июни соли 2018);

## Компонентҳои асосии таҳқиқот

***Варақаи пурсиш*** якҷоя бо мушовири байналмилалӣ таҳия гардида, бо Фаромиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2018, №26 тасдиқ карда шуд.

Барномаи таъминотӣ барои воридкунии маълумоти атҳқиқоти корхонаҳои хурд бо истифодаи барномаи C#4 MSSQL Server, ки имконият медиҳад, ки назорати арифметикӣ гузаронида шавад, таҳияи гардид. Ҳангоми дохилкунии маълумотҳо назорат барои нишондиҳандаҳоее, ки дар саволнома оварда шудааст, гузошта шуд.

Нақшаи коркарди маълумоти таҳқиқоти корхонаҳои хурд пешбинӣ менамояд:

- Таҳияи шарти масъала барои дохилкунӣ ва гирифтани маълумот; ҷадвалҳои бароришӣ барои таҳлили маълумот;
- Омодасозии барномаи коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҷадвалҳои ҷамъбастӣ
- Ташаккули маълумоти ҷамъбастӣ;

Баъди дохилкунии маълумоти таҳқиқот, хазинаи маълумоти таҳқиқоти корхонаҳои хурд, ки номгуи ҳамаи нишондиҳандаҳоро доро мебошад, омода карда шуд.

Гирифтани ҷадвалҳои бароришӣ бо истифодаи барномаи таъминотии C#4 MSSQL Server ба даст оварда шуд. Дар заминаи маълумоти ба даст овардашуда ҷадвалҳои бароришӣ омода карда шуд, ки имконият медихад, ки сарчашмаҳои маъмурии истифодаи сармоя ба сармояи асосӣ аз руи намуди фаъолияти иктисодӣ (мутобиқи ТУНФИ тафсири 2), хамчунин сарчашмаи маблағгузорӣ мушаххас карда шавад.

### *Омӯзиш*

Бо мақсдаи фарогирии пурраи ҷуғрофии корхонаҳои хурд минтақаҳо, ки дар онҳо ин гунна корхонаҳо ҷойгир шудаанд, интихоб карда шуд, ки нисбати субъектҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) корхонаҳои саноатӣ ва сохтмонӣ таҳқиқот гузаронида бояд мешуд. Дар урйхати минтақаҳо дохил карда шуданд::

- ВМКБ
- Вилояти Хатлон,
- Вилояти Суғд,
- НТҶ(13 шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ),
- Шаҳри  Душанбе.

Барои гузаронидани таҳқиқот дар сатҳи минтааҳои ҷумҳурӣ 8 гурӯҳ таъсис дода шуда, 25 нафар мусоҳибагирандаҳо ҷалб карда шуданд, ки дар байни онҳо руйхати корхонаҳое, ки мавриди пурсиш қарор дода мешаванд, дода шуд.

Нишондиҳандаҳои асосиии бахши мазкур инҳоянд:
- Ба истифода додани иқтидорҳои истеҳсоли ва фондҳои асосӣ;
- Азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ;
- Корҳои сохтмонию васлгарӣ ;
- Таҷҳизот ва дигар хароҷотҳо;
- Корҳои пудратӣ, аз он таъмири куллӣ.

*Унсур барои ҷамъоварии маълумот:*

Дар дебочаи Саволнома, ки пешакӣ дар асоси маълумоти аз регистри Равзанаи ягона гирифташуда пур карда карда мешавад, маълумоти зерин дохил мешавад:

- Рақами ягонаи мушаххас (РЯМ);
- Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- Ташкилот тартибдиҳандаи ҳуҷҷат (ТУКТ;
- Сарраёсат (раёсат), трест, консерн, ассоциатсиия аз руи ТУКТ
- Ҳудуд аз руи ТМҲ
- Соҳа аз руи ТУНФИ 1
- Соҳа аз руи ТУНФИ 2
- Шакли моликияти корхона (ташкилот) аз руи ТШМ

Дар саҳифаи якуми Саволнома маълумоти зарурии иловагии зерин ҷой дода шудааст:

- Номи пурраи корхона;
- Суроғаи ҳуқуқии корхона;
- Номи пурраи роҳбари корхона;
- Номи пурраи муҳосиби корхона;
- Рақами телефонии роҳбари корхона;
- Суроғаи почтаи электронии роҳбари корхона.

## 3. Санҷиши саволномаҳои пуркардашуда

Вақти худпуркунии Саволномаҳо дар намуди электронӣ ё дар асоси ҷавобҳои шахсӣ ваколатдори корхона (намуди почтагӣ), бояд оператор/маъмурии таҳқиқот, ки аз тарафи Агентии омор таъин гардидааст, аз руи саволномаҳои пур карда шудаи мусоҳибон бо ёрии руйхати вариантҳое, ки дар қисмати чапи варақа, ки дар саҳифаи якум ҷойгир аст бо номи «Натиҷаҳои пурсишҳо» омадааст санҷиш гузаронад. Баъд аз санҷиш, оператор/ маъмури рамзи худашро менависад.

Дар вақти пурнамудани Саволномаҳо мусоҳибгирандаҳо, рамзи худашонро дар сархати аввали равзанаи матн дошта, ки дар саҳифаи якум бо номи «Натиҷаҳои пурсиш» ҷой гирифтааст, сабт менамояд.

Баъдан пуркунии саволномаҳоро бояд оператор/маъмурии таҳқиқот бо ёрии руйхати вариантҳои дар қисмати чапи варақа, ки дар саҳифаи якум ҷойгир аст бо номи «Натиҷаҳои пурсишҳо» омада, санҷиш гузаронида мешавад.

Баъд аз санҷиш, оператор/ маъмури рамзи худашро менависад.

## 4. 4.Тафсири мафҳумҳои калидии истифодашуда

**Фармошгар дар сохтмон** – ин шахс, ки барои идоракунии сохтмони дахлдор вазифадор аст. Фармоишгар шахсӣ ҳуқуқи ё ифиродӣ, ки ваколатдори сармоягузорӣ лоиҳаи татбиқ шаванда ё худ сармоягузор шуда метавонад. Аз номи сармоягузор ё фармоишгар кор ва муносибаҳоро бо пудратчӣ ба роҳ монда, самти фаъолияти кориро барои иҷроиши ҳалли масъалаҳои муҳандисию ҷустуҷӯи, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва рафти сохтмонӣ ба роҳ мемонад.

**Пудратчӣ** дар назди фармоишгар барои иҷроиши корҳои сохтмонӣ мутобиқӣ шартномаи дутарафа, қойдаю меъёрҳои сохтмонӣ ҷавоб гӯй мебошад. Мувофиқи шартнома бо фармоишгар пудратчии генералӣ

метавонад барои иҷроиши корҳои алоҳидаи корҳои сохтмонию васлгарӣ субпудратчиҳоро ҷалб намояд.
**Субпудратчӣ** – ин (1)корхонаи пудратии махсусгардонидашуда буда, аз тарафи генпудратчӣ ҷалб гардида шуда мебошад, ки барои иҷроиши корҳои алоҳида дар сохтмони сохтаисотадашуда дар доираи шартномаи баста шуда фаъолият менамояд. (2) муассисаи лоиҳавии махсусгардонидашуда, ки аз тарафи лоиҳакашӣ генералӣ дар асоси шартнома барои коркардӣ қисмаҳои лоиҳа ҷалб гардидааст.

**Инвеститсия ба сармояи асосӣ** – маҷмӯи маблағест, ки барои харид, барпо кардан ва такрористеҳсоли фондҳои асосӣ сарф мешавад.
Мувофиқи сохтори истеҳсолӣ ва хусусияти фондҳои асосӣ инвеститсия дар сармояи асосӣ барои хароҷоти иҷрои корҳои сохтмону васлгарӣ ва лоиҳакашию кашшофӣ, хариди таҷҳизоте, ки ба сметаи сохтмон хоҳ дохил шуда дошад хоҳ не, хоҳ васл кардан лозим ояд хоҳ не, барои хариди асбобҳои истеҳсолот ва анҷоми хоҷагӣ, чорвои корӣ ва маҳсулдеҳ, барои хароҷоти шинондан ва парваридани ниҳолҳои мева ва буттамева, бунйди ҷангал ва дигар хароҷот, ки инвеститсияи сармояи асосӣ дохил мешаванд, ҷудо карда хоҳад шуд.

**Фондҳои асосӣ** – пул, молҳои истеҳсолшуда мебошад, ки барои доимӣ ва чандинкарата дар давоми давраи тӯлонӣ, вале накамтар аз як сол, барои истеҳсоли молҳо, барои хизматрасонии бозорӣ ва ғайрибозорӣ истифода мешаванд.
**Ба кор андохтани фондҳои асосӣ** – арзиши иншоотҳои сохтмони ба итмомрасида ва бо тартиби муқарраршуда ба истифода додашуда, биноҳо, иншоотҳо, корхонаҳо, комплексҳои ба кор андохташудаи навбатии онҳо, инчунин дастгоҳҳо, асбобу анҷом, набототи бисёрсола, чорвои корӣ ва маҳсулдиҳанда мебошад. Дар шаклҳои мушоҳидаҳои оморӣ баробари ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва иншоотҳои манзилию шаҳрвандӣ дар асосӣ санадҳои қабули иншоотҳои сохтмони ба итмомрасида инъикос карда мешаванд.

**Ба кор андохтани иқтидор** – нишондиҳандаи иқтидор (маҳсулнокӣ, ғунҷоиш, арзиши харидорӣ, майдон, масофа ва ғайра), ки дар натиҷаи дар сармояи асосӣ ба амал баровардани инвеститсия ҳосил шудааст. Дар шаклҳои мушоҳидаҳои оморӣ ба кор андохтани иқтидори истеҳсолӣ, иншоотҳои манзилии шаҳрвандӣ баъди мувофиқи тартиботи муқарраршуда барои истифода қабул шуданашон, инъикос карда мешаванд.

**Сохтмонҳои истеҳсолӣ** – сохтмони иншоотҳое мебошад, ки баъди бино ёфтан ва ба истифода дода шуданшон дар соҳаи истеҳсоли моддӣ – дар саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва ғайра ба кор мераванд.

**Сохтмони ғайриистеҳсолӣ** – сохтмону таҷдиди иншоотҳои таъиноти манзилӣ – шаҳрвандӣ ва фарҳангӣ (биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои томактабӣ, иншооти варзишӣ, тетару тамошохонаҳо, иншоотҳои хоҷагии коммуналӣ) мебошад.

**Корҳои соҳил мустаҳкамкунӣ** – ин мақсадҳое мебошад, ки барои мустаҳкамкунии соҳилҳои дарёҳо, каналҳо (ҷуйборҳо) ва обанборҳо аз харобшавӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Фаҳмиши корҳои соҳил мустаҳкамкунӣ одатан маҷмӯи корҳои муҳофизаткунии соҳилҳои дарёҳо аз таъсири динамики об мебошад (таъсиррасонии мавҷ, баландшавии суръати ҷараёни об ва ғайраҳо).

**Шумораи квартираҳои сохташуда** – миқдори квартираҳои биноҳои истиқоматӣ, меҳмонхонаҳо ва хобгоҳҳои умумӣ, ки сохтмонашон ба итмом расида ба инобат гирифта мешаванд.

**Масоҳати умумии манзилҳои истиқоматӣ** – маҷмӯи масоҳати манзилҳо ва манзилҳои ёрирасон, инчунин масоҳати пешайвонҳо, балконҳо, айвонҳо, роҳравҳо ва анборҳои хунук мебошанд, ки дар квартираҳо, меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳои умумии доимӣ ва дигар хонаҳои барои сукунати одамон (хонаҳои пиронсолон, маъюбон, биноҳои хобгоҳҳои бачагон ва мактаб – интернатҳо) таъин гардидаанду бо коэффитсиенти дахлдори кам кардашуда ҳисоб карда шудаанд. Ба биноҳои ёрирасон ошпазхона, роҳравҳои пеш ва дохилии квартираҳо, ванна ва ҳаммом, ташноб, амбор ё ҷевонҳои сохташуда дихил мешаванд. Дар хобгоҳҳои умумӣ ба биноҳои ёрирасон хонаҳои хизматрасонии тиббӣ ва манзилию маишӣ дохил мешаванд.

**Ҳаҷми корҳои пудратии иҷрошуда** – корҳое мебошад, ки аз рӯи қарордодӣ пудратии сохтмон ва (ё ки қарордоди давлатӣ), ки бо фармоишгар ба имзо расида ва бо қувваи худ иҷро гардидааст. Ба арзиши корҳои пудратӣ арзиши корҳои сохтмон ва васлкорӣ (сохтмони нав, таҷдид, васеъ кардан, бо техникаи нав таҷҳизонидан ва ғайра), арзиши корҳои таъмири куллӣ ва ҷорӣ ва дигар корҳо (ба истифодадиҳию танзимкорӣ, техникию маданӣ, обшӯӣ, бармаю таркиш ва ғайра) дохил карда мешаванд.

Маълумотҳо бо назардошти ҳаҷми корҳои иҷрокардаи субъектҳои соҳибкорони хурд, ташкилотҳои вазоратҳо ва идораҳое, ки қисмҳои низомӣ доранд, дарҷ карда мешаванд

Воситаҳои асосӣ ва гардон дар соҳаи кишоварзӣ.

Воситаҳои асосӣ яке аз омилҳои муҳими ҳар гуна истеҳсолот мебошанд. Вазъ ва истифодаи самараноки онҳо ба фаъолияти ниҳоии соҳаи агросаноатӣ таъсир мерасонад. Истифодаи самараноки фондҳои асосӣ ва иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла зиёд шудани истеҳсоли маҳсулот, кам кардани арзиши аслии он, талаботи қувваи корӣ ва зиёд шудани фоидаи соф мусоидат мекунад. бевосита натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (АИК) таъсир мерасонанд. истифодаи оқилонаи воситаҳои асосӣ ва иқтидорҳои истеҳсолии корхона ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои техникӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши истеҳсолот, кам кардани арзиши худ, мураккабии рушди истеҳсолот ва фоида мусоидат менамояд.

Воситаҳои асосии ташкилотҳо гардиши хоҷагидорӣ намуда, аз марҳилаҳои зерин иборат аст: хурдашавии фондҳои асосӣ, амортизатсия, андухти воситаҳо барои барқароркунии фондҳои асосӣ, ивази онҳо бо роҳи сармоягузорӣ. Аммо арзиши баланди объектҳои воситаҳои асосӣ ва давомоти истифодаи воситаҳои пулӣ дар ҳаҷми калон корхонаро водор месозанд, ки диққати махсус барои истифодаи фондҳои асосӣ дар раванди истифодаи онҳо зоҳир намоянд. Аз ин рӯ, фаъолияти мазкур иҷрои якк қатор шартҳоро талаб менамояд. Пеш аз ҳама бояд баҳисобгирии мушаххаси фондҳои асосӣ дар корхонаҳои КАС ташкил карда шавад. Ин баҳисобгирӣ барои роҳбарон ва сармутахассисон дониши бузургии ҳақиқии фондҳои асосӣ, дараҷаи онҳо, дараҷаи таъсири он ба сатҳи хароҷоти истеҳсолиро таъмин менамояд.

Муҳимияти масъалаи баррасишаванда ба он асоснок карда мешавад, ки дар шароити хоҷагидории борзорӣ корхонаҳои КАС аз принсипи истифодаи самараноки воситаҳои асосиро, ки даромади иловагӣ биёрад, ба асос гиранд. Барои ҳамин баҳри истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ назорат бурдан зарур аст, ки корхонаро аз таҷҳизоти зиёдатӣ, мошин ва дигар воситаҳои асосӣ озод намояд; онҳоро ба иҷора диҳад, таъмири саривақтӣ ва хушсифатро гузаронад; воситаҳои асосиро бо мақсади бартараф намудани хурдашавии ҷисмонӣ ва мантиқӣ аз нав кунад.

Барои ба амал баровардани раванди истеҳсолот дар комплекси агросаноатӣ се элементи асосӣ бояд мавҷуд бошад: кувваи корӣ, воситаҳои ва олоти меҳнат.

Дар соҳаи кишоварзӣ воситаи асосии истеҳсолоти захираи замин, ки дар як вакт восита ва олоти меҳнат маҳсуб меёбад, ба ҳисоб меравад.

Восита ва олоти меҳнат мундариҷаи ҷиҳизонидашудаи воситаҳои истеҳсолиро ташаккул медиҳанд. Бо ифодаи пулӣ онҳо фондҳои асосӣ номида мешаванд. Вобаста ба характери иштирок дар истеҳсолот ва гузаронидани арзиши худ ба ба маҳсулоти тайёр фондҳо ба асосӣ ва гардон тақсим мешаванд.

Фондҳои асосӣ олоти меҳант буда, дар раванди истеҳсоли якчанд маротиба иштирок мекунанд ва дар ин раванд хусусияти табиӣ- ҷиҳозии худро ҳифз мекунанд, ҳамон як амалиётро дар якчанд давраҳои истеҳсолӣ иҷро мекунанд ва бо мурури замон арзиши худро қисм ба қисм ба махсулоти истеҳсолӣ мегузаронанд..

Бо воситаҳои асосӣ дороиҳои ташкилот, кки якчанд маротиба дар раванди истеҳсолӣ иштирок мекунанд ва хусусияти моддии худро ҳифз карда, арзиши худро ба маҳсулоти истехсолшаванда (кор ва хизматрасонӣ) қисм ба қисм аз руи андозаи хурдашавӣ мегузаронанд.

Воситаҳои асосӣ – маҷмуи ҷиҳоз, ки шакли моддии худро нигоҳ дошта, дар фаъолияти хоҷагидорӣ дар марҳилаи тулонӣ истифода мешаванд ва арзиши воҳидиашон мутобиқи қонунгузорӣ аз бузургии муқаррнамудаи сиёсати баҳисобгирии корхона баланд мешавад.

Воситаҳои асосӣ – омили ҳалкунандаи рушди иқтисодиёти мамлакат, ҳамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мебошанд. Онҳо барои зиёд намудани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ҳаҷми истеҳсоли корхона, неккуаҳволии аҳолӣ асос мебошанд.

Фондҳои асосӣ сатҳи рушди заминаи моддию технкиии корхонаҳои КАС, мусаллаҳшавии фондҳо, тахассуус ва маҳсулнокииро дар ҳамаи корхонаҳои КАС муайян мекунанд.

Фондҳои асосӣ ҳамеша дар ҳаракат мебошанд, ки бо мавҷудияти онҳо дар лаҳзаи муайян вакт барои истифода муайян карда мешавад. Истифодаи воситаҳои асосӣ бо нишондиҳандаи нисбии вазни хос дар хароҷотҳо муайян карда мешавад. Дар корхонаҳои КАС хизмати воситаҳои асосӣё бо ҳиссаи соатҳои бутун дар як моҳ ё қисмати

хароҷотшудаи арзиши фондҳои асосӣ дар давоми сол муайян карда мешавад.

Дар лаҳзаи дилхоҳи вақт корхона миқдори муайяни мош, таҷҳизот ва дигар фондҳои асосиро доро мебошад. Менеҷерҳо метавонанд, сатҳи истифодаи воситаҳои истеҳсолиро дар як моҳ як маротиба иваз намоянд. Аммо, миқдори муқаррашудаи онҳо ва нархи он дар лаҳзаи муайяни вақт ба кайд гирифта мешавад.

Ҳадафи таҳлили харакати фондҳои асоси дар корхонаҳои КАС аз омузиши таъсис ва тағийри онҳо иборат аст. Барои ҳисоб, баҳогузорӣ ва таҳлили фондҳои асосӣ онҳо аз руи аломатҳои зерин тасниф мешаванд.

Аз руи таиноти функсионалӣ воситаҳои асосӣ ба истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ тақсим мешаванд.

Воситаҳои асосии истеҳсолӣ – маводҳои арзишдоре, ки якчанд маротиба дар равандаи истеҳсолӣ иштирок мекунанд, шакли табии худро нигоҳ медорад ва арзиши худро қисм ба қисм ба маҳсулоти истеҳсолшаванда медиҳанд. Онҳо бевосита дар раванди истеҳсолӣ иштирок менамоянд ё ин ки барои раванди истеҳсолӣ шароити фароҳам меоранд. Дар навбати худ онҳо ба фондҳои асосии истеҳсолии кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ тақсим мешаванд.

Воситаҳои асосии ғайриистеҳсолӣ – фондҳо мустақиман дар раванди истеҳсолӣ иштирок надоранд (биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои кудакона ва варзишӣ, мактабҳо, беморхонаҳо, дигар объектҳои таиноти маишӣ ва фарҳангӣ).

Фондҳои асосӣ аз руи таркиби табиӣ ва ҷиҳозӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд.

Иморат, бино – маъмурӣ, хоҷагӣ, асосӣ, ёрирасон ва истеҳсолоти наздихоҷагӣ. Дар соҳаи растанипарварӣ ба онҳо анбори маҳсулотнигоҳдорӣ, бино барои нигоҳдории техника, бино барои озмоишгоҳи агрокимиёӣ ва ғайраҳо, дар соҳаи чорводорӣ – бинои чорвонигоҳдорӣ, озмоишгоҳи зоотехникӣ ва байторӣ, анбори маҳсулот ва ғайраҳо.

Иншоот – объектҳои муҳандисӣ - сохтмонӣ, ки барои раванди истеҳсолӣ заруранд: манора барои силос, парвардахона, гармхона, токи болопушида, иншооти обёрӣ ва хушккунӣ, бинои нигоҳдории пору, роҳҳо, купрукҳо ва ғайраҳо.

Мошин ва таҷҳизот – мошинҳои қуввагӣ ва таҷҳизот, ки ба худ ҳамаи намудҳои агрегатҳои барқӣва муҳаррикҳо, мошинҳои корӣ ва таҷҳизот, ки бевосита ба олоти меҳнат дар раванди истеҳсоли маҳсулот таъсир мерасонанд, асбобҳои ченкунанда ва танзимкунанда ва таҷҳизоти озмоишӣ; техникаи ҳисоббарорӣ.

Воситаҳои нақлиёт – ҳамаи намуди автомобилҳо, аспу ароба ва нақлиёти обӣ, ядакҳо, мошинҳои ҳамлу нақл ва ғайраҳо.

Инвентари истеҳсолӣ ва хоҷагӣ – зарфҳои дорои ғунҷоиши гуогун барои молҳои моеъ ва ҳаракаткунанда, зарфҳо, мебел, шкаф, мошинаи хатнависӣ, компютер, дастгоҳҳои зиёдкунанда, инвентари зидди сухтор ва ғайраҳо.

Чорвои корӣ - асп, барзагов, шутур.

Чорвои маҳсулдеҳ - модагов, модахук, модабуз, совлиқ ва гайраҳо.

Ниҳолҳои бисёрсола - ҳосилдиҳанда, буттамева, чойзор, ҳифзкунандаи саҳро.

Сармоягузорӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати заминҳо – хароҷот барои беҳтар намудани қабати болоии замини таиноти кишоварзӣ.

Олот ва дигар фондҳои асосӣ – олоти муҳлати истифодааш аз як сол зиёдтар; дигар фондҳои асосӣ – сармоя барои иҷораи фондҳои асосӣ.

Вобаста аз дараҷаи таъсир фондҳо дар раванди истеҳсолӣ ба ду қисм тақсим мешаванд.

Қисмати фаъоли фондҳои асосӣ дар раванди истеҳсолӣ бевосита иштирок мекунад.

Қисмати пассиви фондҳои асосӣ фаъолияти муътадили раванди истеҳсолиро таъмин менамояд.

Аз руи аломати соҳавӣ фондҳои асосӣ ба фонди растанипарварӣ, чорводорӣ ва таиноти умум тақсим мешаванд.

Аз руи мансубият фондҳои асосӣ ба фондҳои асосии худӣ ва иҷоравӣ тақсим мешаванд.

Аз руи таиноти мақсаднок дар соҳаи кишоварзӣ фондҳои истеҳсолӣ ба фондҳои кишоварзӣ ва гайрикишоварзӣ тақсим мешаванд.

Ба фондҳои асосии истеҳсолии таиноти кишоварзӣ воситаҳои истехсолӣ, ки дар раванди технологии истеҳсоли маҳсулоти кишвоарзӣ ва фуруши он бевосита иштирок мекунанд, дохил мешаванд. Ба фондҳои асосии таиноти ғайрикишоварзӣ воситаҳои интиқолдиҳанда, мошину

тачҳизоти объектҳои саноатӣ-истеҳсолӣ, сохтмонӣ, савдо ва хуроки умумӣ дохил мешавад.

Дар ҳисоб ва таҳлил фондҳои асосӣ ба инвентарӣ ва берун аз инвентарӣ тақсим мешаванд. Фондҳои инвентарӣ тафсифоти чиҳозӣ доранд, ба ҳисоб гирифта шуда, ҳамчунин дар шакли аслӣ иваз карда мешаванд. Фондҳои ғайриинвентарӣ бо сармоягузорӣ дар захираҳои замин ва объектҳои обӣ ифода мешаванд.

Нишондиҳандаҳои болозикр барои ҳисоби андухти сармояи асосӣ ва тағйироти воситаҳои гардон дар соҳаи КАС ҳангоми ҳисоби Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ бо усули харочот барои истеъмолоти ниҳоӣ истифода мешаванд.

Дар таҳқиқоти мазкур диққати махсус ба масъалаи баҳисобгирии ба истифодадиҳии боғу токзорҳои нав дода шудааст.

## II. МУНДАРИЧАИ САВОЛҲОИ САВОЛНОМА

**Саволи Q1 бо мақсади санҷиш пурсида мешавад, ки корхона дар соли 2017 – ум барои азхудкунии маблағҳои асосӣ ба сармояи асосӣ, дар ягон иншоотҳои сохтмонӣ, биноҳои иловагӣ, таҷдиди биноҳо ва ғайраҳо иҷроиши корҳои пудратӣ дар сохтмон бо сифати пудратчӣ/субпудратчӣ кору фаъолият намудааст ё не.**

Дар саволи мазкур бояд нишон дод, ки корхона барои иҷроиши корҳои пудратӣ дар давоми соли 2017 – ум дорои иҷроиш ҳаст ё на. Дар вақти ҷавоб, агар «ҳа» варианти 01 – ро нишон дода ба саволи Q1 гузаштан лозим. Агар ҷавоб «не» бошад варианти 02 - ро нишон дода ба саволи Q5 гузаштан лозим.

**Саволи Q2 бо мақсади гирифтани маълумотнома оиди намуди фаъолияти иқтисодии корхона: азхудкунии маблағҳо дар сармояи асосӣ ё ичроиши корҳои пудратӣ**.

Посухи дурӯстро ба инобат гирифта ва ба саволҳои Q3A ё Q3B гузашта мусоҳибарои идома диҳед.

**Саволи Q3 саволи калиди ҳисобидашуда ва пурсиши он бо мақсади муайян намудани он ки корхона дар назди мақомоти омор ҳисобот супоридааст ё не**

Дар вақти ҷавоб, агар «ҳа» варианти 01 – ро нишон дода ба саволи Q2 гузаштан лозим. Агар ҷавоб «не» бошад варианти 02 - ро нишон дода ба

саволи Q4A ё Q4B гузаштан лозим. Агар ҷавоб «не» бошад варинати 02 ва гузариш ба саволи Q6 ё Q7

**Саволи Q4 саволи махсуси иловагӣ ба шумор рафта - савол – полуд барои санҷиши корхонаи мазкур дар он хусус, ки ҳисоботҳои омории шакли 1 - СА (сохтмони асосӣ, солона) ё шакли 2 – СА (сохтмони асосӣ, солона) ба мақомоти омор супоридааст ё не**

Дар вақти ҷавоб, агар «ҳа» варианти 01 – ро нишон дода ба саволи Q5 гузаштан лозим. Агар ҷавоб «не» бошад варинати 02 ва гузариш ба саволи Q6 ё Q7 гузаштан лозим.

**Диққат:** дар вақти истифодабарии планшета барои пурсишнома, шакли ҳисоботии омории пуркардашудаи корхонаро акс бардори намоед ва инчунин санаи супоридаи ҳисоботро ба мақомоти омор . Агар планшет дар вақти пурсишномаи таҳқиқот вуҷуд надошта бошад ҳатман санаи пуркарда шудаи ҳисобот ва санаи фиристода шудаи ҳисоботро бо худ навишта гиред.

**Саволи Q5 бо мақсади муайян намудани нақшаи кори корхона барои соли 2018 – ум, ки корхонаи мазкур дар соли 2018 барои иҷро намудани азхудкунии маблағҳо дар сармояи асосӣ ё иҷроиши корҳои пудратӣ ба нақша гирифтааст ё не**

Дар ҳама гуна ҷавоб, яъне ҷавоб «ҳа» ё «не» бошад, пурсиш барои корхонаи мазкур ба охир мерасад.

**Саволи Q6 пурсиш барои корхона дар вақти ҷавоби «не» барои саволҳои Q3A02 ва Q4A02 ва бо мақсади пурратар гирифтани ҷавоб оиди хусусияти иншооти сохтмонӣ ва самти маблағгузорӣ (Q6A) ва инчунин оиди сарчашмаҳои маблағгузорӣ иншооти сохтмонӣ ва пудратчӣ (Q6B)**.

Сутунҳои 01 – 09 – и саволи Q6A - ро дар асосӣ ҷавоби мусоҳибшаванда пур намоед. Ҳамзамон вариантҳои рамзҳои саволи Q6A02 ва Q6A04 – ро истифода намоед

Баъдан сутунҳои 01 – 07 – и саволҳои Q6B – ро пур намоед. Барои корхона мазкур пурсиш ба анҷом мерасад.

**Саволи Q7 дода мешавад ба корхона дар вақте, ки ҷавоб «не» бошад, ба саволҳои Q3B02 ва Q4B02 ва бо мақсади пурратар пайдо кардани маълумотҳо оиди хусусияти иншоотҳои сохтмонӣ ва корҳои пудратӣ (Q7A) ва оиди сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва фармоишгар (Q7B).**

Сутунҳои 01 – 09 – и саволи Q7A - ро дар асосӣ ҷавоби мусоҳибшаванда пур намоед. Ҳамзамон вариантҳои рамзҳои саволи Q7A02 ва Q7A04 – ро истифода намоед

Баъдан сутунҳои 01 – 07 – и саволҳои Q7B – ро пур намоед. Барои корхона мазкур пурсиш ба анҷом мерасад.

**Баъди ба итмом расидани пурсиш ба мусоҳиб барои иштирок дар таҳқиқот миннатдорӣ изҳор намоед.**

**Ҷадвали 1**

Тақсимоти интихоби субъектҳои хоҷагидорӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобии корхонаҳои хурд аз руи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018

| | Ҳамагӣ | Фармоишгарон/ пудратчиёне, ки дар соли 2017 ба мақомоти омор ҳисобот надодаанд | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Шахсони ҳуқуқии навтаъсис дар соҳаи саноат | Соҳибкорони инфиродии таъсисёфта дар соҳаи саноат |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **4564** | **422** | **1908** | **1356** | **878** |
| **ВМКБ** | **224** | **32** | **65** | **109** | **18** |
| Хоруғ | 42 | 9 | 0 | 30 | 3 |
| Роштқалъа | 8 | 1 | 0 | 4 | 3 |
| Рушон | 52 | 3 | 27 | 15 | 7 |
| Шуғнон | 32 | 11 | 4 | 17 | 0 |
| Мурғоб | 14 | 1 | 0 | 13 | 0 |
| Ишкошим | 21 | 3 | 0 | 17 | 1 |
| Дарвоз | 30 | 3 | 19 | 6 | 2 |
| Ванҷ | 25 | 1 | 15 | 7 | 2 |
| **Вилояти Суғд** | **1134** | **77** | **390** | **361** | **306** |
| Худжанд | 146 | 29 | 0 | 69 | 48 |
| Ашт | 90 | 3 | 50 | 21 | 16 |
| Дж. Расулов | 44 | 1 | 1 | 34 | 8 |
| Исфара | 104 | 0 | 60 | 15 | 29 |
| Гулистон | 12 | 3 | 0 | 6 | 3 |
| Конибодом | 50 | 2 | 0 | 26 | 22 |
| Мастчоҳ | 28 | 6 | 0 | 13 | 9 |
| Деваштич | 72 | 1 | 39 | 7 | 25 |
| Зафаробод | 16 | 2 | 0 | 9 | 5 |
| Истиклол | 7 | 0 | 0 | 7 | 0 |
| Бустон | 30 | 5 | 0 | 23 | 2 |
| Айнӣ | 23 | 2 | 3 | 10 | 8 |
| Б.Ғафуров | 193 | 12 | 80 | 43 | 58 |
| Спитамен | 80 | 2 | 19 | 34 | 25 |
| Истаравшан | 125 | 1 | 69 | 25 | 30 |
| Кухистони Мастчоҳ | 26 | 2 | 20 | 4 | 0 |
| Панҷакент | 60 | 6 | 30 | 11 | 13 |
| Шаҳристон | 28 | 0 | 19 | 4 | 5 |

| | Ҳамагӣ | Фармоишгарон/ пудратчиёне, ки дар соли 2017 ба мақомоти омор ҳисобот надодаанд | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Шахсони ҳуқуқии навтаъсис дар соҳаи саноат | Соҳибкорони инфиродии таъсисёфта дар соҳаи саноат |
|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Хатлон** | **929** | **79** | **433** | **251** | **166** |
| Бохтар | 28 | 7 | 0 | 17 | 4 |
| Кушониён | 37 | 3 | 16 | 5 | 13 |
| Вахш | 10 | 1 | 0 | 4 | 5 |
| Хуросон | 18 | 0 | 4 | 3 | 11 |
| Дустӣ | 22 | 1 | 15 | 6 | 0 |
| Носири Хусрав | 2 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Шаҳритуз | 30 | 1 | 15 | 6 | 8 |
| Қабодиён | 32 | 1 | 3 | 14 | 14 |
| Ҷ. Балхӣ | 22 | 1 | | 17 | 4 |
| А. Ҷомӣ | 46 | 1 | 26 | 11 | 8 |
| Ҷайҳун | 9 | 0 | 1 | 6 | 2 |
| Панҷ | 51 | 1 | 37 | 9 | 4 |
| Ёвон | 39 | 4 | 19 | 11 | 5 |
| Леваканд | 13 | 3 | 0 | 6 | 4 |
| Норак | 26 | 4 | 8 | 10 | 4 |
| Данғара | 86 | 8 | 50 | 22 | 6 |
| Кулоб | 103 | 17 | 23 | 37 | 26 |
| Муъминобод | 69 | 6 | 54 | 3 | 6 |
| Восеъ | 57 | 5 | 17 | 20 | 15 |
| МСА Ҳамадонӣ | 46 | 6 | 18 | 10 | 12 |
| Фархор | 30 | 2 | 7 | 14 | 7 |
| Темурмалик | 15 | 2 | 6 | 6 | 1 |
| Ховалинг | 68 | 1 | 56 | 5 | 6 |
| Ш. Шоҳин | 51 | 2 | 44 | 5 | 0 |
| Балҷувон | 19 | 2 | 14 | 3 | 0 |
| **ш. Душанбе** | **767** | **152** | **0** | **484** | **131** |
| И. Сомонӣ | 195 | 45 | 0 | 129 | 21 |
| Фирдавсӣ | 176 | 63 | 0 | 82 | 31 |
| Шоҳмансур | 125 | 0 | 0 | 99 | 26 |
| Сино | 271 | 44 | 0 | 174 | 53 |
| **НТҶ** | **1510** | **82** | **1020** | **151** | **257** |
| Турсунзода | 89 | 8 | 1 | 14 | 66 |
| Шаҳринав | 38 | 3 | 8 | 5 | 22 |

| | Ҳамагӣ | Фармоишгарон/ пудратчиёне, ки дар соли 2017 ба мақомоти омор ҳисобот надодаанд | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Шахсони ҳуқуқии навтаъсис дар соҳаи саноат | Соҳибкорони инфиродии таъсисёфта дар соҳаи саноат |
|---|---|---|---|---|---|
| Ваҳдат | 45 | 6 | 9 | 18 | 12 |
| Ҳисор | 463 | 15 | 369 | 12 | 67 |
| Сангвор | 59 | 0 | 57 | 1 | 1 |
| Роғун | 59 | 8 | 48 | 3 | 0 |
| Рудакӣ | 188 | 14 | 68 | 35 | 71 |
| Файзобод | 379 | 6 | 350 | 17 | 6 |
| Нуробод | 18 | 0 | 0 | 16 | 2 |
| Рашт | 109 | 10 | 86 | 12 | 1 |
| Варзоб | 14 | 2 | 0 | 6 | 6 |
| Тоҷикобод | 26 | 4 | 17 | 4 | 1 |
| Лахш | 23 | 6 | 7 | 8 | 2 |

Мавриди зикр аст, ки дар тањќиќоти усули интихоби стратификатсионї тавсия шуда буд. Дар марњилаи якум интихоб аз маљмуи генералї бо истифодаи формулаи зерин аз руи усули интихоби њиссањои стратавї ташаккул дода мешуд:

$$n_h = n * \frac{N h}{N}$$

*ки дар ин ҷо:*

*n – андозаи ибтидоии (бутунии) интихоб,*

*$n_h$- андозаи интихоби стратаи h,*

*$N_h$- андозаи маҷмуи генералии стратаи h (дар айни замон – 4564 воҳид),*

*N – андозаи маҷмуи генералӣ*

Дар марҳилаи дуюми интихоб «қоидаи 7» ба асос гирифта шудааст. Мутобиқи меъёрҳои «қоидаи 7» бо мақсади таъмини намояндагии интихоб аз руи намуди фаъолияти иқтисодӣ, ки микдори интихоб дар марҳидаи якум 7, маҷуми генералӣ 7 ва зиёда, микдори интихоб 7, гирифта шудааст, чунки андозаи интихоб аз 7 поён набояд бошад.

Мувофиқ будани муносибат бо таҳқиқоти илмию амалӣ тасдиқ шудааст.

Чи тавре ки дар боло қайд шуд, фарогирии ба таҳқиқоти корхонаҳои саноатӣ, ки дар давоми солҳои 2016-20147 таъсис дода шудаанд, фармоишгарон ва пудратчиён, ки дар назди мақомоти омори давлатӣ оид ба азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ ва иҷрои корҳои пудратӣ ҳисобот надодаанд, бисёр муим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти он ки дар регистри осори иттилоот дар бораи азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ ва иҷрои корҳои пудратии ин гунна воҳидҳо мавҷуд нест (ин сабаб дар боло гуфта шуда буд), интихоб барои онҳо бо усули сартосари аз руи ҳар як намуди фаъолияти иқтисодӣ дар регистри оморӣ ба қайд гирифта шуда амалӣ гардид.

Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор дар ҷумҳурӣ, ки ба руйхати таҳқиқот дохил карда шуда буданд, 9,1 фоиз ё 422 ададро фармоишгарон ва пудратчиёне, ки соли 2017 ба мақомоти омори давлатӣ аз руи шаклҳои муқарраршудаи ҳисоботи оморӣ  маълумот надодаанд, ташкил медиҳад. Бо дарназардошти он ки ба истифодадиҳии боғу токзорҳои нав дар омори сохтмони асосӣ вуҷуд надорад, дар асоси шакли ҳисоботии 11 кишоварзӣ «Ҳисобот дар бораи шинонидани ниҳолҳои бисёрсола»  ба руйхат 1908 адад хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва инфиродӣ ҳамроҳ карда шуд, ки 41,8 фоизи шумораи умумии воҳидҳои таҳқиқшавандаи омориро ташкил медиҳад.

Дигар субъектҳое, ки ба таҳқиқот фаро гирифта шуданд, корхонаҳои навтаъсис дар соҳаи саноат (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) буданд.

Шумораи корхонаҳои навтаъсиси саноатӣ (шахсони ҳуқуқи) дар солҳои 2016-2017 ба 1356 адад расида, 29,7 фоизи шумораи умумии воҳидҳои омории ба таҳқиқот ҳамроҳ карда шударо ташкил медиханд. Ҳамчунин ба руйхати 878 адад соҳибкорони инфиродии навтаъсис дар соҳаи саноат ҳамроҳ карда шуданд, ки 19,2 фоизро дар шумораи умумӣ ташкил медиҳанд.

**Диаграммаи 1.**

**Тақсимоти воҳидҳои омории таҳқиқшаванда дар минтақаҳо**




## 2.1. Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот

***Барномаи таъминотӣ:*** Барномаи таъминотӣ барои таҳқиқоти корхонаҳои хурд дар заминаи муштарӣ – технологияи серверӣ ва дар платформаи NetFramework таҳия гардидааст. Қисмати муштарии барнома дар забони C#4 MSSqlServer навишта шудааст. Муштарӣ дар речаи бисрёҳуҷҷатаи интерфейсӣ кор мекунад (MDI). Дар вақти доҳил намудани маълумот, пеш аз ирсол ба сервер муштари ҳамаи санҷишҳои мантиқӣ ва арифметикиро дида мебарояд.

Қисмати серверии барнома дар заминаи НИХМ MSSqlServer 2008 татбиқ шудааст.

Табодули маълумоти байни муштарӣ ва сервер тавассути равандҳои сабтшаванда амалӣ мешавад.

***Гузаронидаи таҳқиқот:*** Таҳқиқот аз 8 то 31 майи соли 2018 аз ҷониби мутахассисони махсус омузонидашуда гузаронида шуд. Ҳамагӣ 8 гурӯҳ таъсис дода шуд: дар ВМКБ як гурӯҳ (1 роҳбари гурӯҳ ва 2 мусоҳибагиранда), вилояти Суғд 2 гурӯҳ (2 роҳбари гурӯҳ ва 6

мусоҳибагиранда), вилояти Хатлон 2 гурӯҳ (2 роҳбари гурӯҳ ва 6 мусоҳиабагиранда), шаҳри Душанбе як гурӯҳ (як роҳбари гурӯҳ ва 4 мусоҳибагиранда), дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2 гурӯҳ (2 роҳбари гурӯҳ ва 7 мусоҳибагиранда). Ҳамагӣ дар таҳқиқот 8 роҳбари гурӯҳ ва 25 мусоҳибагиранда ширкат доштанд.

Таҳқиқот бо роҳи пурсиши хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва инфиродӣ, корхонаҳои навтаъсиси саноатӣ (шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ) ва фармоишгарону пудратчиёни дар бораи азхудкунии сармоя ба сармояи асосӣ ва иҷрои корҳои пудратӣ исобот надода гузаронида шуд. Пурсиш тариқи мусоҳиба руй ба руй бевосита бо ташриф ба субъектҳо гузаронида шуд.

Дар рафти таҳқиқот ва коркарди маълумоти он (дохилкунӣ ба компютерҳо) принсипи махфияти маълумот риоя гардид.

***Қабул ва санҷиши саволномаҳои пуркардашуда:*** Баъди анҷоми корҳои саҳроӣ, саволномаҳои пуркардашуда барои санҷиш ба роҳбарони гурӯҳҳо ҷиҳати гузаронидани мутобиқати арифметикӣ пешниҳод карда шуданд.

Ҳамагӣ мебоист 4564 адад субъект ба таҳқиқот фаро гирифта мешуд. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки 5,7 фоиз субъектҳо аз посух додан даст кашиданд, ё дарёфт нашуданд ё ин ки дар санаи таҳқиқот ҳозир набуданд.

Сатҳи фарогирии субъектҳо ба таҳқиқоти корхонаҳои хурд

| | Ҳамагӣ | Шахсони ҳуқуқии навтаъсис дар соҳаи саноат | Хоҷаги-ҳои деҳқонӣ, ки ба буёнди боғу токи нав шуғл доранд | Соҳибк орони инфиро дии навтаъс ис дар соҳаи саноат | Фармоишгар он/ пудратчиён, ки дар соли 2017 ба мақомоти омори давлатӣ ҳисобот надоданд |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | |
| Дар руйхати таҳқиқот дохил карда шудаанд | 4564 | 1356 | 1908 | 878 | 422 |
| Бо сабабҳои гуногун ҷавоб гирифта нашуд | 262 | 61 | 44 | 124 | 33 |
| Бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумораи умумӣ | 5,7 | 4,5 | 2,3 | 14,1 | 7,8 |
| Вилояти Суғд | | | | | |
| Дар руйхати таҳқиқот дохил карда шудаанд | 1134 | 361 | 390 | 361 | 77 |
| Бо сабабҳои гуногун ҷавоб гирифта нашуд | 56 | 19 | 7 | 27 | 3 |
| Бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумораи умумӣ | 4,9 | 5,3 | 1,8 | 7,5 | 3,9 |
| Вилояти Хатлон | | | | | |
| Дар руйхати таҳқиқот дохил карда шудаанд | 929 | 251 | 433 | 166 | 79 |
| Бо сабабҳои гуногун ҷавоб гирифта нашуд | 76 | 13 | 12 | 37 | 14 |
| Бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумораи умумӣ | 8,2 | 5,2 | 2,8 | 22,3 | 17,7 |
| шаҳри Душанбе | | | | | |
| Дар руйхати таҳқиқот дохил карда шудаанд | 767 | 484 | 0 | 131 | 152 |
| Бо сабабҳои гуногун ҷавоб гирифта нашуд | 32 | 21 | 0 | 0 | 11 |
| Бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумораи умумӣ | 4,2 | 4,3 | 0 | - | 7,2 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | | | | |
| Дар руйхати таҳқиқот дохил карда шудаанд | 1510 | 82 | 1020 | 151 | 257 |
| Бо сабабҳои гуногун ҷавоб гирифта нашуд | 98 | 8 | 25 | 60 | 5 |
| Бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумораи умумӣ | 6,5 | 9,8 | 2,4 | 39,7 | 1,9 |

Санҷиши саволномаҳои пуркардашуда нишон дод, ки ҳамаи маълумоти тавсифдиҳаандаи фаъолияти субъектҳои таҳқиқшаванда, ба мисли намуди фаъолияти иқтисодӣ, шакли моликият, ҳудуд, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас ва рамзи мушаххаси корхона пур карда шудаанд, ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, ки дар низоми «Равзанаи ягона» тибқи тартиби муқарраргардида ба қайд

гирифта нашудаанд. Бо ҳамин сабаб барои хоҷагиҳои деҳқонӣ рамзҳои муваққатӣ барои дохилкунии маълумот дода шуд.

Мушкилотҳои зерин ҳангоми пуркунии саволномаҳо муайян карда шуданд:

- масъулони субъектҳои хурди тиҷоратӣ оид ба пешниҳоди иттилоот тибқи шаклҳои ҳисоботи оморӣ оид ба сохтмони асосӣ ба мақомоти омори маҳаллӣ дониши кофӣ надоранд;

- барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ муайян намудани ҳаҷми сармояи азхудшуда ба сармояи асосӣ ё ин ки арзиши корҳои пудратӣ мушкил буд. Дар ҳолатҳои алоҳида ин нишондодҳо дар асоси нархҳои бозорӣ ҳисобӣ карда шуд. Махсусан ин масъала дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд бо мушкилӣ матраҳ гардид, ки мутаносибан вақти иловагиро тақозо намуд;

- мушкилотҳо бо якчанд соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба пуркунии саволномаҳо мушоҳида шуд, чунки онҳо ҳисоботи аввалия надоштанд;

- аз ҷониби як катор субъектҳо барои гузаронидани пурсиш ва гирифтани иттилооти зарурӣ розигӣ дода нашуд ва фақат баъди дахолати роҳбарони гурӯҳҳо маълумот ба даст оварда шуд.

Новобаса аз ин, ҳамаи саволномаҳоро мусоҳибагирандаҳо пур намуданд, роҳбарони гурӯҳҳо санҷиданд ва роҳбари техникӣ назорат бурд, методолог – таҳлилгарон санҷиданд ва дар муҳлати муқарраршуда барои коркард пешниҳод карда шуданд.

***Дохилкунӣ ва коркарди маълумот:*** Дохилкунии маълумот аз 25 май то 5 июни соли 2018 аз ҷониби операторҳои омузонидашуда дар барномаи махсус таҳиягардида амалӣ гардид.

Баъди коркарди маълумотҳо дар моҳи июн ҷадвалҳои барориш ӣ ба даст оварда шуданд ва таҳлили маълумот барои таҳияи ҳисобот оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти яквақтаина гузаронида шуд. Ин кор аз 10 то 25 июни соли 2018 ба сомон расонида шуд.

Омода намудани схемаи ҷадвалҳои барориш ӣ ва барномаи таҳияи маълумоти ҷамъбастӣ ба мушовирон ва барномасози маҳаллӣ вогузор шуда буд.

Мавриди зикр аст, ки таҳияи ҷадвалҳои барориш ӣ бо мушовири байналмилалӣ мувофиқа карда шуда буд.

# III. ФАСЛИ ТАҲЛИЛӢ

## 3.1 Натиҷаҳои таҳқиқот

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, ҳаҷми сармояи азхуд намудаи ҳамаи субъектҳои ба таҳқиқот фаро гирифташуда 91,9 млн.сомониро ташкил дод, ки 47,7 млн.сомонӣ хароҷоти корҳои сохтмонию васлгарӣ мебошад. Арзиши таҷҳизоти насбшуда дар ҳамаи объектҳои сохтмонӣ ба 38,7 млн.сомонӣ ё 42,1 фоизи ҳаҷми умумии сармояи азхудшуда ба сармояи асосӣ баробар гардид.

Азхудкунии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз руи намуди фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи саноат (якҷоя бо энергетика) нишондиҳандаи мазкур ба 3,6 млн.сомони ё 4,0 фоиз, кишоварзӣ – 26,0 млн.сомонӣ (28,3 фоиз), сохтмон – 50,0 млн.сомонӣ (54,4 фоиз) ва дигар соҳаҳо – 12,2 млн.сомони (13,3 фоиз) баробар шудааст.

Маълумоти бадаст омадаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки 42,6 фоиз ё 39,2 млн.сомонӣ сармояи истифодашуда ба ВМКБ рост меояд. Дар натиҷаи фарогирии фаъолияти ҶДММ «Турас Хоруғ» ба таҳқиқот оид ба сохтмони маркази саломатӣ дар шаҳри Хоруғ ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ зиёд шуд. Қайд кардан зарур аст, ки арзиши сохтмони мазкур аз ҳисоби сармояи Фонди Оғо Хон ба 36,3 млн.сомонӣ баробар мебошад.

Ба ҳиссаи вилояти Суғд 18,6 фоиз ё 17,1 млн.сомонӣ, вилояти Хатлон 6,7 фоиз (6,6 млн.сомонӣ), шаҳри Душанбе 5,8 фоиз (5,3 млн.сомонӣ), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 26,3 фоиз (24,2 млн.сомонӣ) сармоягузории корхонаҳои хурд рост меояд.

Арзиши фондҳои асосии ба истифода додаи субъектҳои ба пурсиш фаро гирифташуда 43,4 млн.сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб ба соҳаи саноат (якҷоя бо энергетика) 1,4 млн.сомонӣ ё 3,1 фоиз аз ҳаҷми умумии фондҳои асосии ба истифода дода шуда аст, дар соҳаи кишоварзӣ – 7,8 млн.сомони (18,1 фоиз), сохтмон - 31,6 млн. сомонӣ (72,8 фоиз) ва дба дигар соҳаҳо – 2,6 млн. сомонӣ (6,0 фоиз) рост меоянд.

Аз руи натиҷаҳои таҳқиқот, фондҳои асосӣ, ки корхонаҳои хурд ба истифода додаанд, дар соли 2017 дар ВМКБ ба 24,9 млн.сомонӣ расидааст, ки дар ҳисоботи оморӣ дохил нашуда буд ва 57,3 фоизи ҳаҷми умумии фондҳои асосии ба истифода додашуда мебошад.

Нишондоди мазкур дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ чунин тавсиф мешавад: вилояти Суғд 4,2фоиз ё 1,8 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон 12,4 фоиз (5,4 млн. сомонӣ), шаҳри Душанбе 10,4 фоиз (4,5 млн. сомонӣ), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 15,7 фоиз (6,8 млн. сомонӣ).

Дар асоси маълумоти гирифташуда оид ба сармоягузори ба сармояи асоси ва ба истифодадиҳии фондҳои асосӣ аз ҳисоби корхонаҳои хурд, бозҳисоби нишондиҳандаҳо ва тағйири сохтори маълумот дар моҳҳои январ-декабри соли 2017, ки моҳи январи соли 2018 дар маърузаи «Вазъи иҷтимоӣ – иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр шуда буд, амалӣ гардид.

**Воридшавии сармоя ба сармояи асосӣ дар соли 2017 бо дарназардошти маълумоти таҳқиқоти корхонаҳои хурд аз руи минтақаҳои ҷумҳурӣ**

| | *Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, млн. сомонӣ* | | | *Бо ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *с.2016* | *с.2017* | | *с.2016* | *с.2017* | |
| | *Омори ҷорӣ* | *Бе дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот* | *Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот* | *Омори ҷорӣ* | *Бе дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот* | *Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот* |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **11074,5** | **11208,5** | **11300,4** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| ВМКБ | 350,4 | 395,7 | 434,9 | 3,2 | 3,5 | 3,8 |
| Вилояти Хатлон | 2330,1 | 2160,7 | 2177,8 | 21,0 | 19,3 | 19,3 |
| Вилояти суғд | 1913,6 | 2052,3 | 2058,4 | 17,3 | 18,3 | 18,2 |
| ш.Душанбе | 2958,2 | 2797,7 | 2803,0 | 26,7 | 25,0 | 24,8 |
| НТҶ | 3522,2 | 3802,1 | 3826,3 | 31,8 | 33,9 | 33,9 |

